*Ба Шурои диссертатсионии 6DKOA – 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии № 8)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Одиназода Компон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)).**

## I. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Бозори меҳнат ва таъмини шуғли босамари аҳолӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи доғи рӯз ба ҳисоб меравад, чунки захираҳои меҳнатии мамлакат яке аз омилҳои асосиест, ки дар оянда барои таъмини рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ замина фароҳам меоварад. Ба бозори меҳнати кишвар айни ҳол муаммоҳои муайяне хосанд, аз ҷумла норасоии ҷойҳои кории холӣ, ки ҳалли онҳо дар истифодаи босамари қувваи коргарӣ мусоидат хоҳанд кард. Бинобар ин, ниҳодҳои давлатӣ дар доираи амалисозии стратегияву барномаҳои таъмини шуғли босамари аҳолӣ механизми танзими бозори меҳнатро амалӣ менамоянд, ки барои баландбардории дараҷаи некӯаҳволии одамон мусоидат менамоянд.

Қобили қайд аст, ки масъалаҳои назария ва методологияи рушди бозори меҳнат ниёз ба ташаккул ва такмили арзёбии миқдорию сифатии шуғли пурмаҳсул дар робита бо омӯзиши мазмуни иқтисодии он дорад. Аз ин лиҳоз, дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои стратегии рушди бозори меҳнат ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ба ин масъалаҳо диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Ин ҳолат бо он асоснок мегардад, ки тақвият бахшидани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳлилӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар “Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” ва “Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” пурра дарҷ гардидааст.

Масъалаи танзими бозори меҳнат барои ҳама давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз мавзуҳои калидии рушди иқтисодию

иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва дар ин замина таҳқиқотҳои илмии сершумор ба омӯзиши мавқеи давлат ва дигар ниҳодҳои ғайридавлатии танзимкунандаи шуғли босамар ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба анҷом расонида шудаанд. Рушди босуботи бозори меҳнат барои таъмини инкишофи соҳаҳои иқтисоди миллӣ хеле муҳим буда, зарурати танзими он дар доираи ҳамаи мактабҳои иқтисодӣ баррасӣ гардидааст. Равишҳои асосии мактабҳои иқтисодӣ ба ҷабҳаҳои гуногуни бозори меҳнат аҳамият дода, фишангҳои гуногуни танзими давлатӣ ва бозории истифодаи босамари захираҳои меҳнатиро пешниҳод менамоянд. Ба ин нигоҳ накарда, бояд зикр намуд, ки то имрӯз пахлӯҳои гуногуни ин масъала аз назари муҳаққиқон берун мондаанд ё пурра баррасӣ нагардидаанд. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр мубрам ва дорои аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ мебошад.

**II. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм.**

Диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мувофиқат мекунад: 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; иқтисодиёти захираҳо (бозори сармоя, меҳнат ва молия); қонуниятҳои ҷаҳонишаваии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ-давлатӣ; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назрияи ташкили бозорҳо; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; ҳамбастагии некуаҳволии шахсӣ ва ҷамъиятӣ: 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи инкишофи иқтисодӣ: 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ; назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) системаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; инкишофи ниҳодҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи баъдисаноатӣ.

**III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Муҳтавои асосии навгонии диссертатсия аз истифодаи усулҳои муосири таҳқиқи масъалаҳои танзими давлатии бозори меҳнатро иборат мебошад. Дар ҷараёни омодасозии таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳое ба даст оварда шудаанд, ки метавонанд дар рушди минбаъдаи сиёсати муносибатҳои меҳнатӣ ва коҳиш додани таъсири манфии муҳоҷират саҳми назаррас гузоранд ва навгонии илмии корро муайян намудаанд:

- таърифи муаллифии мафҳуми “сиёсати танзими давлатии бозори меҳнат” пешниҳод шудааст, ки он ҳамчун маҷмуи тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бо истифодаи усулҳо ва воситаҳои муосири технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ алоқаманд буда, бо назардошти равандҳои муҳоҷират ба таъмини рушди муътадили бозори меҳнат, баландбардории дараҷаи шуғл ва некуаҳволии аҳолӣ равона шудааст, муайян гардидааст;

- тамсилаи мувофиқати усулҳои бозорӣ ва давлатии бозори меҳнат бо назардошти равандҳои муҳоҷират пешниҳод карда шуда аст, ки хусусиятҳои модели аврупоӣ, осиёӣ, амрикоӣ ва англо-саксионии танзими бозори меҳнатро ба инобат гирифта, таҷрибаи институтсионалии давлатҳои баррасишаванда ба сифати тадбирҳои иловагӣ дар соҳаи шуғл ҷудо карда шудаанд, ки ба пастшавии шиддатнокӣ дар бозори меҳнат оварда мерасонанд;

- омилҳои таъсиргузор ба рушди бозори меҳнат аз нуқтаи назари мактаби институтсионалӣ арзёбӣ шуда, зиддиятҳое муайян гардиданд, ки раванди ташаккул ва густариши шуғли самаранокро халалдор менамоянд ва бартараф намудани онҳо барои такмил ва баланд бардоштани самаранокии танзими давлатии шуғли аҳолӣ ва таҳияи сиёсати босамари шуғл, инчунин коҳиши сатҳи бекорӣ дар шароити муосири Тоҷикистон мусоидат менамоянд;

- самтҳои стратегии танзими давлатии бозори меҳнат нисбат ба равандҳои расмикунонии бозори ғайрирасмии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии маҷмуи тадбирҳо дар соҳаи шуғл тавассути мукаммалгардонии сиёсати андозбандӣ, баландбардории сифати низоми маориф, инчунин ҷорӣ намудани низоми дуалии таълим муайян карда шудааст, ки истифодаи механизми танзими шуғли ғайрирасмиро дар асоси истифодаи равишҳои нарм ва сахт асоснок менамоянд;

- самтҳои муосири раванди муҳоҷирати аҳолӣ дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, механизми иқтисодии самаранокии равандҳои муҳоҷират дар асоси баландбардоштани такмили ихтисоси муҳоҷирон, баландбардории касбияти онҳо, модернизатсияи раванди таълим дар кишвар, баландбардории самаранокии фаъолияти агентиҳои давлатӣ, хадамоти шуғл ва муҳоҷират пешниҳод карда шудааст;

- нақши рақамикунонӣ дар танзими бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт муайян карда шуда, истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ дар шароити рушди

муносибатҳои байналмилалӣ ва роҳҳои танзими онҳо асоснок гардидаанд;

- дар асоси баҳодиҳии иҷтимоӣ-иқтисодии оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, мақсаднок ҷойгирнамоии аҳолӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ, сиёсати танзими муҳоҷират, нақши он дар афзоиши некуаҳволии аҳолӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, инчунин таъмини музди кори арзанда роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии равандҳои муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда аст;

- модели ягонаи таъмини вазъи мувозинат дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси коркарди механизми мутобиқати бозори меҳнат ва бозори таҳсилот дар раванди омодасозии қувваи корӣ ва рафъи номувозинатӣ дар бозори меҳнат, пешниҳод карда гардида аст;

- тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба мукаммалгардонии механизми танзими давлатии бозори меҳнат дар самти вусъатбахшии таъминоти институтсионалии он, диверсификатсияи иқтисоди кишвар, беҳтарсозии муҳити корӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, мукаммалгардонии низоми ҳуқуқӣ, ташкил ва таъминоти иқтисодии низоми танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсири шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паст намудани шиддат дар бозори меҳнат.

Нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шуда, инҳоянд:

- асосҳои назариявии танзими давлатии бозори меҳнат бо дарназардошти таҳаввулоти таърихӣ ва такомули консепсияҳои муосири ҳамгироии усулҳои давлатӣ ва бозорӣ, инчунин пешниҳоди таърифи муаллифии “танзими давлатии бозори меҳнат” ҳамчун низоми институтсионалӣ ва иқтисодии ҳамоҳангсози манфиатҳои ҷомеа, давлат ва бозор;

- модели мутобиқати танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити равандҳои афзоишёбандаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва хусусиятҳои мутобиқсозии сиёсати меҳнатӣ ба шароити миллӣ;

- пешниҳоди тадбирҳои ислоҳотӣ оид ба бартараф намудани мухолифат ва зиддиятҳое, ки ба ташаккул ва рушди шуғли самаранок дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд бо истифода аз усулҳои таҳлили муосири иқтисодӣ ва арзёбии институтсионалӣ;

- самтҳои стратегии танзими давлатии бозори меҳнат дар асоси расмигардонии бозори ғайрирасмӣ ва механизми танзими шуғли ғайрирасмӣ дар бозори меҳнат;

- хусусиятҳои самтивазкунии муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ва роҳҳои иқтисодии мукаммалгардонии самаранокии равандҳои муҳоҷират;

- шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ вобаста ба таъсири ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба раванди танзими давлатии бозори меҳнат;

- роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- модели ягонаи таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба коркарди роҳҳои мутобиқати бозори меҳнат ва бозори таҳсилот дар омодасозии қувваи корӣ асос ёфтааст;

- тавсияҳои илмию методӣ оид ба мукаммалгардонии танзими давлатии бозори меҳнат, назарияи шуғл ва танзими муҳоҷират.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Кор дар 418 саҳифа, 32 ҷадвал, 18 расм ва 8 диаграмма оварда шудааст. Рӯйхати адабиёт истифодагардида 350 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи рисолаи диссертатсионӣ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзия ва навгонии илмӣ, инчунин аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ва ғайра оварда шудаанд.

Боби якуми рисолаи диссертатсионӣ **«Асосҳои назариявии таҳқиқи танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити муосир»** ба омӯзиши моҳияти иқтисодии бозори меҳнат ва шаклҳои он, нақши давлат дар ташаккули сиёсати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити бозор бахшида шуда, ҷанбаҳои методологии арзёбии самаранокии танзими давлатии бозори меҳнат ва равандҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ баррасӣ гардидаанд. Диққати махсуси диссертант ба омӯзиши асосҳои институтсионалии танзими бозори меҳнат дар Тоҷикистон равона гардидааст.

Ба андешаи муаллиф, таҳқиқи масоили бозори меҳнат дар асоси равияҳои классикӣ, неоклассикӣ, кейнсианӣ, монетаристӣ ва институтсионалӣ сурат мегирад ва барои ташаккули сиёсати давлатии самарабахши шуғл зарур аст. Бозори меҳнат ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ, ки муносибатҳои байни корфармо ва корманд, талабот ва пешниҳоди қувваи кориро фаро мегирад, арзёбӣ мешавад.

Дар таҳлили консептуалии масъала, докторант ба мактаби классикӣ, аз ҷумла назарияҳои А. Смит ва К. Маркс, инчунин ба таҳлили

неоклассикӣ, ки дар он меҳнат ҳамчун омилҳои истеҳсолӣ баррасӣ мегардад, такя намудааст (с. 19-23).

Дар рисолаи диссертатсионӣ мавқеи мактаби иқтисодии монетаризм ҳаматарафа арзёбӣ гардидааст. Ба андешаи М. Фридман ва Э. Фелпс, бозор бо назорати қурби пул, танзими пешниҳод ва механизмҳои худтанзимшаванда метавонад ба сатҳи табиии шуғл бирасад (с. 25-26). Вале ба ин нигоҳ накарда, К.С. Одиназода бо истинод ба таҷрибаи кишварҳои муваффақ хулоса намудааст, ки омезиш ва истифодаи муштараки танзими давлатӣ бо механизмҳои бозорӣ метавонад модели устувори рушди бозори меҳнатро фароҳам оварад.

Бо истифода аз манбаъҳои илмии гуногунсатҳ, дар диссертатсия таърифҳои гуногуни категорияи «бозори меҳнат» таҳлил гардида, дар натиҷа онро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тавсиф мекунад, ки дар он хариду фурӯши қувваи корӣ, таъини музди меҳнат ва ташаккули шартҳои шуғл амалӣ мегардад. Дар заминаи омӯзиши назарияҳо дар таҳқиқот хулоса шудааст, ки ҳар як равия дар давраи муайяни таърихӣ нақши худро дар ташаккули назарияи меҳнат бозидааст. Назарияҳои классикӣ бештар ба самаранокии худтанзимкунии бозор асос ёфта, бахусус ба таъсири «дасти ноаён»-и Смит такя доранд. Баръакс, равишҳои кейнсианӣ ва институтсионалӣ аз зарурати дахолати фаъолонаи давлат ва танзими муассир ҳимоят мекунанд (с. 24-28).

Ҳангоми таҳқиқот мафҳуми бозори меҳнат дар ду ҷанба – маҳдуд ва васеъ тавсиф шудааст. Дар маънои маҳдуд, бозори меҳнат фазое мебошад, ки дар он таносуби талабот ва пешниҳоди нерӯи корӣ ба миён омада, музди меҳнат муайян мегардад. Дар маънои васеъ бошад, он низоми мукаммали муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки бо иштироки давлат, иттиҳодияҳои меҳнатӣ ва корфармоён танзим мегардад (с. 34).

**«Мониторинги вазъи муосири танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мавзӯи баррасии боби дуюми диссертатсия буда, дар он нишондиҳандаҳои шуғл, бекорӣ ва омилҳои иҷтимоию иқтисодии ба бозори меҳнат таъсиррасон арзёбӣ гардида, муаммоҳои асосии рушд наёфтани бозори меҳнати кишвар ҷудо шуда, зарурати танзими давлатии шуғли босамар асоснок карда шудааст. Дар доираи ин боб инчунин таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими бозори меҳнат ва роҳҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Дар боби мазкур дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили пурраи ҳолати бозори меҳнат дар давраи солҳои 2015-2023 анҷом дода шуда, муайян гардидааст, ки дар умум дар ин солҳо ҷараёни афзоиши ҳам аҳолии мамлакат ва ҳам аҳолии қобили меҳнат мушоҳида мешавад, ки аз як ҷониб нишондиҳандаи мусбати афзоиши захираҳои меҳнатӣ бошад, аз ҷониби дигар фишорро ба бозори меҳнат афзоиш медиҳад (ҷадвалҳои 2.1.1. ва 2.1.2. дар с. 93-94).

Истифодаи усулҳои таҳлили сохторию динамикӣ ба унвонҷӯ замина муҳайё сохтааст, ки ба чунин хулоса ояд, ки бозори меҳнат ба таври мустақим ба муҳити макроиқтисодӣ, сатҳи музди меҳнат, дараҷаи омодагии касбии аҳолӣ ва имкониятҳои инфрасохтории шуғл вобастагии зич дорад. Бинбобар ин, бо афзоиши шумораи аҳолии синни меҳнат, талабот ба ҷойҳои корӣ меафзояд, дар ҳоле ки имкониятҳои иқтисод барои фароҳам овардани чунин ҷойҳо маҳдуд боқӣ мондаанд, ки сабаби асосии афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ шудааст (с. 102).

Бартарии дигари кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки тадқиқот бо ёрии усулҳои таҳлили сохторӣ, тавозунӣ, омилӣ, стохастикӣ ва таҳлили SWOT барои арзёбии ҳолати бозори меҳнат истифода шудааси. Аз ҷумла, матритсаи SWOT-таҳлили вазъи бозори меҳнатро ҷудо намудан мумкин аст, ки дар он тарафҳои пурқувват (мисли автоматикунонии идоракунии соҳа), суст (масалан, сатҳи пасти омодагии кадрҳо), имкониятҳо (таҳияи барномаҳои давлатӣ) ва хатарҳо (таназзули иқтисодӣ, муҳоҷират ва ғайра) баррасӣ гардидаанд (ниг.: ҷадвали 2.1.7. дар с. 112-113).

Боби сеюм **«Алоқамандии муҳоҷирати меҳнатӣ ва бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба баррасии масъалаҳои такмили консепсияи назариявӣ ва амалии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, омилҳои асосии коҳишёбии раванди муҳоҷират ва механизми таъсири сохторҳои давлатӣ ба равандҳои муҳоҷират дар кишвар бахшида шуда аст.

Дар доираи омӯзиши масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ муаллиф диққати асосиро ба омӯзиши муҳоҷирати байналмилалии зеҳнӣ равона карда, се равиши консептуалии онро ҷудо намудааст: “табодули дониш ва таҷриба”, “воридшавии мағзҳо” ва “фирори мағзҳо”, ки ба таври гуногун ба тараққиёти иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсир мерасонанд (с. 182).

Дар рафти таҳлил Одиназода К.С. омилҳои асосии ба рушди бозори меҳнат таъсиррасонро дар расми 3.2.1. (с. 221) оварда, онҳоро ба

3 гурӯҳ ҷудо намудааст, ки ба таври гуногун ба ҳалли мушкилоти бозори меҳнат ва таъмини ҷойҳои нави корӣ таъсир мерасонанд, ки аз инҳо иборатанд: омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷуғрофию демографӣ.

Бо назардошти омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешқадам оид ба танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ муаллиф дуруст қайд намудааст, ки механизми асосии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста ба чанд ҳадафи муҳим, ки ба беҳбуди вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар кӯмак мекунад, амалӣ мегардад (с. 261-262). Дар ин асос чораҳои мушаххаси танзими равандҳои муҳоҷиратро пешниҳод намудааст, ки барои ҳалли мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ ва беҳтар намудани шароити меҳнату зиндагии онҳо равона гардидаанд.

Боби чорум **“Воситаҳои муосири танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити муҳоҷират, ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ”** буда, ба омӯзиши масъалаҳои алоқамандии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ бо танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, бозори меҳнат ва шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ бахшида шуда аст.

Дар диссертатсия бо назардошти омӯзиши таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар давраи бемории фарогири COVID – 19 ба истифодаи кори фосилавӣ диққати махсус дода шуда, дар ҷадвали 4.1.1. (с. 279-280) номгӯи ихтисосҳои дар бозори меҳнат ба чунин тарз истифодашавандаро пешниҳод намуда, бартарияти онҳоро ҷудо намудаанд.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки ҷараёни ҷаҳонишавӣ ба бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ду самти асосӣ таъсир мерасонад. Аз як ҷониб, имкониятҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва густариши шаклҳои нави шуғл, аз ҷумла кори фосилавӣ, ба пайдоиши ҷойҳои нави корӣ дар дохили кишвар мусоидат мекунанд. Аз ҷониби дигар бошад, вобастагии иқтисоди миллӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ ва маблағҳои интиқолии муҳоҷирон афзоиш ёфта, талаботи бозори дохилии меҳнат ба танзим ва ҳамоҳангсозии самтҳои сиёсати давлатӣ ниёз пайдо мекунад (с. 282-284).

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки кишварҳое, ки низоми самараноки танзими давлатии рақамикунонии бозори меҳнатро роҳандозӣ намудаанд, тавонистаанд сатҳи шуғлро баланд бардошта, миқёси муҳоҷирати меҳнатиро коҳиш диҳанд. Яъне рақамикунонии иқтисодӣ ҳамчун воситаи муассири танзими бозори меҳнат дар шароити муҳоҷират метавонад яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ бошад. Аммо ба ақидаи муаллиф раванди рақамикунонии бозори меҳнат оқибатҳои манфиро низ доро мебошад, ки ҳам

мутахассисон ва ҳам корфармоён аз зарари иқтисодию иҷтимоиро соҳиб мешаванд (с. 291-292).

Дар боби панҷум **«Самтҳои такмилдиҳии танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити коҳишёбии равандҳои муҳоҷират»** ба пешниҳоди модели таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон ва роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷират, истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ ва пешниҳоди механизмҳои нав барои таъмини мувозинати бозор бахшида шудааст.

Ба ақидаи диссертант дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи номувозинатии байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар тӯли даҳсолаҳои охир хусусияти устувор пайдо кардааст, ки ин номувозинатӣ бештар ба номувофиқати сохтории кадрҳо, набудани мутобиқати тахассусҳо бо эҳтиёҷоти воқеии бозори меҳнат ва инчунин ба омилҳои демографӣ ва муҳоҷиратӣ вобаста аст. Бинобар ин, муаллиф дар расми 5.1.1. (с. 321) механизми ҳамоҳангсозии бозори меҳнат ва бозори таҳсилотиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод намудааст, ки дар он шароити макроиқтисодӣ, натиҷаҳои шуғл ва арзаю тақозо оварда шудаанд.

Дар охири диссертатсия хулосаҳо ва тавсияҳо оварда шудаанд, ки барои такмили механизми танзими давлатии бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷират бо назардошти баландбардории дараҷаи некӯаҳволии мардуми кишвар асоснок гардидаанд.

## IV. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Таҳқиқоти дар доираи диссертатсия анҷомдодашуда имкон дод, ки хулосаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили танзими давлатии бозори меҳнат доир ба таъмини шуғли пурмаҳсул пешниҳод гардад.

Хулосаҳои пешниҳод гардида бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди маълумоти омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

## V. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Натиҷаҳои илмии бадастомада назарияҳои мавҷударо дар бахши макроиқтисодӣ мукаммал гардонида, метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди шуғли пурмаҳсул шомил карда шаванд, ки ба баланд бардоштани сифат ва

сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар нигаронида шудаанд. Натиҷа ва хулосаҳо дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Дар кори диссертатсионӣ тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки инҳоянд:

- татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ба манфиати шуғл, ки тақозои маҷмуӣ, сармоягузории самаранок ва тағйироти сохторӣ ба таъсиси корхонаҳо ва ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудааст;

- такмили сиёсати андозбандӣ ва инфрасохтори соҳавӣ, ки ба афзоиши шуғли аҳолӣ, рушди ҳосилнокии меҳнат, равандҳои сабуккунандаи тағйироти сохторӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва саноат мусоидат мекунад;

- таҳияи сиёсати корпоративӣ, ки корхонаҳои устувор, аз ҷумла корхонаҳои хурд ва миёна ва фаъолияти соҳибкориро дастгирӣ мекунад, инчунин санадҳои дуруст ва шаффофи меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои мусоидат ба гузариш ба бахши расмӣ ва таъмини рақобати одилонаро таъмин менамояд;

- малака ва таҳсил дар қонеъ кардани ниёзҳои доимо тағйирёбандаи бозори меҳнат ва технологияҳои нав, ҷорӣ намудани низоми омӯзиши якумрӣ, ки барои рушди устувори бозори меҳнат ва ташкили муҳити устувори шуғл кӯмак мерасонад;

- баланд бардоштани сифати низоми таълим ва ҷорӣ намудани низоми дуҷонибаи омӯзиш ва ба шуғл фаро гирифтан, ки дар доираи он корхонаҳо ҷавононро ҳамчун «донишомӯз» қабул мекунанд ва онҳоро тавассути барномаҳое, ки эҳтиёҷоти соҳибкориро инъикос мекунанд, таълим медиҳанд;

- модели таъмини ҳолати мувозинӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки се марҳилаи муҳимро дар бозори меҳнати кишвар вобаста ба ҳолати иқтисодиёт, вазъи демографии кишвар ва қувваи корӣ, номувозинатии тақозо ва арза дар бозори меҳнат, ҳолати номувозинатӣ ва наздикшавӣ ба ҳолати мувозинатии тақоза ва арза бозори меҳнат арзёбӣ менамояд;

- ҳавасмандгардонии рушди бахшҳо ва кластерҳои дорои дараҷаи технологии баланд, на танҳо ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, балки то андозае ба афзоиши субъектҳои

соҳибкорӣ, афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ ва инчунин ба шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад;

- механизми рушди бозори виртуалии меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар таҳия карда шавад, ки ҳузури фаъоли коргарро дар давраи муайян тақозо наменамояд. Ин бозор метавонад барои коҳиш додани монеаҳои маконӣ ва вақти кории анъанавӣ ба вуҷуд ояд ва барои талошҳои самараноктар ва мусоидат ба рушди коргарон дар замони нави иқтисодии рақамӣ кӯмак кунад;

- такмил додани механизмҳои фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ, зеро дараҷаи рушди бозори меҳнат аз бисёр ҷиҳат аз сифати зиндагӣ дар минтақаҳои кишвар, аз сатҳи татбиқи қонунгузории давлатӣ дар маҳаллҳо вобаста аст;

- тақвияти таъминоти институтсионалии танзими рушди бозори меҳнат, бо дарназардошти кам кардани ҳаҷми фаъолиятҳои танзимнашаванда ва миқдори ҷойҳои ғайрирасмии таъсисдодашуда;

- диверсификатсияи иқтисодиёти кишвар бо мақсади таъмини шуғли пурсамар, баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва даромади аҳолӣ, ташкили худмашғулиятӣ ва ба тартиб даровардани фаъолияти соҳибкории инфиродии бақайдгирифтанашуда дар минтақаҳо ва деҳоти икшвар;

- такмили таъминоти ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ ва баланд бардоштани миқёси шуғли аҳолӣ дар бозорҳои дохилӣ ба эҷоди механизми устувор ва самаранок барои муҳоҷирати меҳнатӣ кӯмак мекунад. Ин тадбирҳо, ки ҳуқуққои муҳоҷиронро ҳифз мекунанд ва барои рушди иқтисоди дохилӣ имкониятҳои бештар фароҳам меоранд, метавонанд ба коҳиш додани бекорӣ ва таҳкими иқтисоди кишвар мусоидат кунанд ва ғ.

## VI. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Муҳтавои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввари Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, инчунин дар конференсияҳои байналмилалӣ (солҳои 2015-2024) маъруза карда шудаанд.

Муқаррароти ҷудогонаи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, дар фаъолияти Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои ҷудогонаи он,

Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шуданд ва тасдиқ гардиданд (санади татбиқ аз 26.09.2024 с., № 3-1402). Инчунин, маводи диссертатсия дар раванди таълим дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон истифода шудаанд (санади татбиқ аз 20.08.2024 с. № 02/45).

Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот 51 мақолаи илмӣ ба табъ расонида шудааст, ки 23 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, интишор шудаанд. Бар замми ин, муаллиф 3 монография оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда чоп кардааст.

**VII. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмиц доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) амалӣ гардидааст. Фақат дар автореферат номи боби чоруми диссертатсия “Воситаҳои муосири танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити муҳоҷират, ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ” нею “Таҳлили шаклҳои нави шуғли аҳолӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ” навишта шудааст.

**VIII. Эродҳо ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия.**

Ба андешаи мо, дар диссертатсия дар баробари бартариҳо як қатор муқарраротӣ баҳснок вомехӯрад:

1. Дар банди якуми навгонӣ (с. 11) таърифи муаллифии мафҳуми “сиёсати танзими давлатии бозори меҳнат” оварда шудааст, вале ҳангоми таҳлили ин мафҳум дар саволи 1.1. (с. 45-50) мавқеи муаллиф суст асоснок гардида, бартарияти он назар ба таърифи дигар муаллифон асоснок нагардидааст.

2. Саволи 1.1. “Консепсияҳои асосии омӯзиши бозори меҳнат ва танзими давлатии он дар шароити муосир” ном дошта, қисмати асосии савол (аз 34 саҳифа 28 тоаш) ба таҳлили моҳияти иқтисодии бозори меҳнат бахшида шуда, таърифии муаллифии он асоснок карда шудааст. Беҳтар мебуд, агар яке аз бандҳои навгонии диссертатсия ба ин масъала бахшида мешуд.

3. Дар с. 63 диссертант қайд намудааст, ки: “Дар робита ба фаъолияти Ҳадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самаранокии барномаҳои амалишаванда,

ба таври ғайримустақим, тавассути нишондиҳандаҳое чен карда мешавад, ки ҳиссаи шаҳрвандони воқеан бо ҷои кор таъминшудаи аз ҷониби ин ниҳод роҳнамоишударо инъикос мекунад”. Оё хадамоти мазкур ба масъалаҳои бо ҷои кор таъмин намудани шаҳрвандон машғул аст ва ё ин вазифаро Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл менамояд?

4. Саволи 1.3. ба таҳлили асосҳои институсионалии танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки дар он барномаю стратегияҳои то соли 2022 ба охир расида, арзёбӣ гардидаанд. Мутассифона, чунин ниҳодҳои асосии институтсионалии танзим, ба монанди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 бе таҳлил ва баррасӣ мондаанд, ки дар танзими давлатии бозори меҳнат мавқеи муҳим доранд.

5. Дар с. 95 ҷадвали 2.1.3. оварда шудааст, ки ба таҳлили аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият дар солҳои 2015-2023 бахшида шудааст. Ҳисоби рақамҳои овардашуда дар соли 2023 нишон медиҳад, ки дар соли 2023 агар ҳамагӣ дар иқтисодиёт 2625,3 ҳазор нафар ба шуғл фаро гирифта шуда бошанд, пас аз рӯйи шаклҳои моликият 2569,9 ҳазор нафар (55,4 ҳазор нафар камтар) ва ё дар соли 2015 ҳамагӣ дар иқтисодиёт 2379,3 ҳазор нафар бо фаъолият машғуланд, аммо аз рӯи шаклҳои моликият 2379,7 ҳазор нафар (400 нафар зиёдтар), ки нофаҳмост шумораи боқимонда дар кадом бахшҳо ба кор машғуланд?

6. Дар с. 141 “Расми 2.2.2. – Танзими шуғли ғайрирасмӣ дар бозори меҳнат” оварда шудааст, ки дар он кормандони асосӣ ва кормандони агентиҳои корхонаҳои хусусӣ ба қисмати шуғли ғайрирасмӣ дар бахши расмӣ дохил гардидаанд. Оё ин гурӯҳи кормандон ба таври расмӣ фаъолият намекунанд, агар коргарони асосӣ бошанд?

7. Саволи 2.3. “Таҷрибаи хориҷии танзими давлатии бозори меҳнат ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” буда, ба таҳлили таҷрибаи танзими давлатии бозори меҳнат дар ИМА, Британияи Кабир, Шветсия, Германия, Ҷопон бахшида шудааст, ки хеле таҷрибаи пешқадам аст. Вале муаллифро зарур буд, ки хусусиятҳои танзими бозори меҳнатеро низ омӯхта, онро барои Тоҷикистон пешниҳод мекард, ки ба бозори меҳнати кишварамон наздикӣ доранд, масалан, давлатҳои Осиёи Марказиро. Давлатҳои Аврупоӣ имрӯзҳо муаммои зиёд дар бозори меҳнаташон

доранд, ки хоси иқтисоди мо нест, аз ҷумла, пиршавии аҳолӣ, норасоии қувваи коргарӣ ва ғ.

8. Диаграммаи 3.3.1. – “Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2023 (ҳазор нафар)” (с. 254) номгузорӣ шуда, талабот ба қувваи корӣ ва шахсони дар ҷустуҷӯи кор буда, оварда шудааст. Фикр мекунам, ки воҳиди ченак “ҳазор нафар” нею бояд “нафар” бошад, чунки дар ин ҳолат шумора хеле калон хонда мешавад. Масалан, гуё дар соли 2023 дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 15945 ҳазор нафар коргарон талабот аз тарафи корхонаҳо бошаду шумораи бекорон 106579 ҳазор нафар.

Камбудиҳои дар боло қайдгардида, асосан характери тавсиявӣ дошта, ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи иҷрошуда таъсири мустаъқим намерасонанд.

**IX. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи “Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №567 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи диссертатсия – Одиназода Комрон Саидаброр сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**д.и.и., профессори кафедраи**
**назарияи иқтисодии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Қодирзода Д.Б.**
26.08.2025

**Имзои д.и.и., профессор**
**Қодирзода Диловар Баҳридинро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Э. Тавкиев**